# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. Душанбе, 2025. - 65 саҳ.

Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур ба яке аз мавзуҳои рӯзмарраи илми таърихи давлат ва ҳуқуқ бахшида шуда, зери унвони «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», таълиф шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқоти нав дар самти таърихи рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон маҳсуб меёбад.

Солҳои охир як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие қабул гардиданд, ки ба танзими муносибатҳои оилавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни оила равона карда шудаанд. Ба шумули онҳо метавон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» - ро дохил намуд.

Муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба таҳлили ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои танзими муносибатҳои оилавӣ дар ҳуқуқи одатӣ-анъанавӣ, ҳуқуқи зардуштӣ, низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол равона карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот аз методҳои умумӣ ва махсуси илми ҳуқуқшиносӣ истифода намуда, аҳамияти принсипи таърихиятро ҳангоми омӯзиши масъалаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ муайян намудааст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки диссертатсияи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аз аввалин таҳқиқоте маҳсуб меёбад, ки ба

масъалаи таърихи рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон бахшида шудааст, ки ин мубрам будани мавзуи таҳқиқотро бори дигар тасдиқ менамояд.

Муаллиф дар рафти анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ, қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ ва муосир, асарҳои мутафаккирони тоҷику форс, адабиёти олимони ватаниву хориҷиро, ки ба масъалаҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ, махсусан, институтҳои никоҳ, талоқ, моликияти ҳамсарон, фарзандхондӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар бахшида шудаанд, истифода намуда, андешаҳои олимон ва меъёрҳои ҳуқуқиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор додааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва асоснок кардани онҳо дар матни автореферат боиси дастгирӣ мебошад, аз ҷумла:

Дар навгонии 6 – уми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф қайд намудааст, ки: «Ҳуқуқи исломӣ никоҳро бо маҳрамҳои насабӣ, сababӣ ва разоъӣ манъ намуда, бастани ақди никоҳро бо хешони наздик рад кард. Ин ҳолат аз як ҷониб, анъанаи бартарии никоҳ бо хешони хуниро, ки аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ сарчашма мегирифт аз байн бурда бошад, аз ҷониби дигар, ба ташкили оила дар фазои созгори маънавӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ шароит муҳайё намуда, заминаи воқеӣ барои бунёди оилаи нав ва аз назари ҷисмонӣ солим гузошт. Дар замони муосир дастовардҳои охирини илмҳои тиб, ҳуқуқ, сотсиология, ахлоқ ва ғ. афзалияти никоҳ бо бегонагонро исбот менамоянд ва ҳамзамон таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки никоҳ бо хешони наздик оқибатҳои нохушоянди зиёде чун безуриётӣ ва тавлиди фарзандони носолимро дорад». Ин назари муаллиф аз ҳар ҷиҳат қобили қабул ва арзандаи дастгирӣ мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешбининамудаи муаллиф навгонии илмӣ дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шумор рафта, қобили дастгирӣ мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисораҳо, муқаддима, 5 боб ва 14 зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ иборат мебошад.

Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия муаллиф бисту ҳашт мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла нуздаҳ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва нӯҳ мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои зиёди мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки: «Ҳуқуқи зардуштӣ бастани никоҳро бо хешовандони наздик на танҳо манъ накардааст, балки ба он бартарӣ додааст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Тибқи таълимоти дини зардуштӣ, онҳое, ки никоҳи хешони хунӣ набастаанд, баъд аз марг дар охират азоб мекашанду онҳое, ки ба ин кор даст мезананд, дар охират роҳат мекунанд». Ин масъала баҳснок мебошад, зеро баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки никоҳ бо хешони наздик дар замони зардуштӣ манъ гардида буд. Ба назари мо беҳтар мешуд, агар муаллиф сарчашмаҳоеро, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ никоҳ бо хешони наздикро роиҷ медонистанд ва ба ин навъи никоҳ бартарӣ медоданд нишон медод.

Эроди зикргардида характери баҳснок дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонад ва ба баҳои мусбии таҳқиқот таъсир намерасонад.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми

ҳуқуқшиносӣ, махсусан, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи инсон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, профессори кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Шокиров Ғ.А.**

Суроға: 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Б.Ғафуров, ҷ.д. Хистеварз, кӯчаи А.Нозиров №110 Тел.: (+992) 92-770-97-91 E-mail: shga_1959@mail.ru

**Имзои А.Ғ. Шокировро**
**тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ **Бобоев А.Х.**

ШЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: : 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳ. 17 хонаи №1 Телефон: (+992 -34) 22-23-811 E-mail: sh-kadr@tgu.tj
«06» 03 2026 с.